# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

## Довуд, чӯпонбача



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Чандин солҳо пеш, дар замони Шоули подшоҳи Исроил, писарчае бо номи Довуд ба ҳафт бародараш, барои нигоҳубини рамаи падарашон ёрӣ медод. Вай писари хурдӣ бошад ҳам, боқувват ва далер буд ва Худоро дӯст дошта, ба Ӯ бовар мекард.





Боре шере ба рама ҳуҷум кард, то барои хӯроки шом баррае барад. Довуди ҷавон ба шер ҳуҷум кард. Ӯ бarраро раҳо карда, шери наъразанандаро аз ёлаш дошта кушт. Довуд медонист, ки Худо ба вай ёрӣ додааст.

Самуил, пайғамбари Худо то ҳол аз он ғамгин буд, ки шоҳ Шоул, Худоро сахт дар ҳолати ногувор гузошт.

Худо Самуилро ҷанг кард: “То кай барои Шоул мотам мегирӣ. Ман туро ба ба назди Ишой мефиристам. Ман аз байни писарони ӯ барои Худам подшоҳ интихоб намудаам”. Ишой падари Довуд буд.



Самуил медонист, ки шоҳ Шоул метавонад вайро барои рафта, шоҳи дигар кофтанаш, кушад. Аммо пайғамбар ба Худо итоат кард.





Ҳангоме ки Самуил омада расид, Ишой ҳафт писарашро аз назари ӯ гузаронд. Аммо Самуил ба Ишой гуфт, ки “Худо ягонтои инҳоро интихоб накардааст.” Танҳо Довуд, писари хурдӣ монда буд. Ӯ бо гӯсфандон буд. Вақте ки онҳо Довудро оварданд, Худованд гуфт: “Хеста вайро бар подшоҳӣ таъйин намо, зеро ин ҳамон аст.”

Дар қасри Шоул, Рӯҳи Худованд Шоулро тарк кард ва Шоул одами ноором гардид. Хизматгорони вай фикр карданд, ки мусиқии хуб метавонад Шоулро ором созад. Яке аз онҳо ҷавонмардеро медонист, ки барбатро хуб навохта метавонад. Оё гуфта метавонед, ки вай кӣ буд? Бале, ин Довуд буд.



Мусиқии Довуд Шоулро ором карда, ёрӣ медод, ки вай оқилона андеша ронад. Шоул аз Ишой хоҳиш намуд, ки писараш дар хизмати ӯ бимонад. Ҳар вақте ки ба Шоул ғам ё тарс ҳуҷум мекард, Довуд барои вай барбат менавохт. Ин ёрӣ медод.



Баъди ба хона рафтани Довуд, Шоул бо фалиштиён ҷанги калон кард.  Бародарони Довуд дар лашкари Шоул ҷанг мекарданд.  Ишой Довудро ба майдони ҷанг фиристод, то ба бародаронаш хӯрок бурда, аз аҳволашон хабардор шавад.



Як фалиштии азимҷусса, ки Ҷолёт ном дошт, тамоми ҷанговарони исроилиро ба ваҳм андохта буд.



“Барои худатон одаме интихоб кунед ва бигзор вай ба назди ман барояд. Агар вай бо ман ҷанг карда, маро кушад, мо ғуломони ту мешавем. Вале агар ман вайро кушам, шумоён ғуломони мо шуда, ба мо хизмат мекунед” — дод зада гуфт Ҷолёт. Тамоми мардони Исроил ин азимҷуссаро дида,

аз вай гурехтанд ва сахт дар ҳарос буданд.



Сипас Довуд ба Шоул гуфт: “Бигзор дили касе ба хотири вай зиқ нашавад. Ман бандаи ту рафта, бо ин фалиштӣ ҷанг мекунам”. Шоул мехост, ки Довуд либоси ҷангии ӯро пӯшад ва шамшери вайро гирад. Аммо ба ҷойи ин, Довуд фалахмони худ ва аз ҷӯй панҷ санги ҳамвор гирифт.



Чун Ҷолёт дид, ки Довуди ҷавон ҳатто либоси ҷангӣ напӯшидааст, хандааш омад. “Ман гӯшти баданатро ба мурғони ҳаво ва дарандаҳои саҳро медиҳам” — наъра зад Ҷолёт. “Ман ба пеши ту бо номи Худованд омадаам. Имрӯз Худованд туро ба дасти ман месупорад, зеро ин ҷанг аз они Худованд аст” — ҷавоб дод Довуд.





Сипас Довуд рост ба тарафи Ҷолёт давид. Ӯ ҳангоми давиданаш аз фалахмони худ рост ба пешонии Ҷолёт як санг паронд. Ҷолёт ба замин ғалтид.

Довуд зуд шамшери калони Ҷолётро бароварда, сарашро аз тан ҷудо кард. Чун фалиштиён диданд, ки Ҷолёт мурдааст, барои наҷоти ҷонашон гурехтанд.



Шоҳ Шоул дар хотир надошт, ки ин ҳамон Довуде аст, ки бо барбат вайро ором мекард. Ӯ Довудро роҳбари лашкараш гузошт. Аммо вақте ки мардум ғалабаҳои Довудро эҳтиром намуданд, бахилӣ кард. “Акнун ғайр аз шоҳигарӣ, боз ӯ соҳиби чӣ шуда метавонад?’ — фикр кард Шоул. Аз он рӯз сар карда, Шоул ба Довуд бад-бад нигоҳ мекард.



Боз шоҳ Шоул ноором шуд. Довуд барбат навохта, вайро ором карданӣ шуд. Шоул се бор ба тарафи Довуд найза партофт. Вале Довуд ҳар дафъа гурехт. Шоул аз Довуд метарсид, зеро медонист, ки Худованд бо ӯ аст, вале Худованд аз вай дур шуда буд.





Аммо Юнотон, писари Шоул Довудро мисли бародар дӯст медошт. “Падари ман туро куштан мехоҳад” — Довудро огоҳ кард ӯ. Ҳамин тавр Довуд гурехт. Зани вай ҳайкалеро гирифта дар ҷойгаҳи Довуд гузошт ва нисфи шаб Довудро аз тиреза поён фаровард. Вақте ки саҳар одамони Шоул омаданд, Довуд набуд.



Довуд маҷбур шуд, ки аз Шоул дуртар гурезад. Пеш аз гурехтан, ӯ ва Юнотон якҷоя аҳд бастанд. Онҳо ваъда доданд, ки ҳамеша ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд.



Мутаассифона, ин ду дӯст бо ҳамдигар хайрухуш карданд.  Довуд ба ҷустуҷӯйи маконе баромад, то дар он ҷо бе тарси он ки ҷанговарони Шоул вайро меёбанд, зиндагӣ кунад.



Довуд, чӯпонбача

Ҳикоя аз Каломи Худо

1 Подшоҳон 16-20

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16